# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Турсунова Мунаввара Аъзамовна дар мавзуи“Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. –Душанбе, 2023. – 190с.**

Топонимика яке аз шохаҳои муҳими ономастика буда, ба таҳқиқу баррасии ҷойномҳо (номи мавзеъҳои ҷуғрофӣ) сару кор дорад. Оид ба шарҳу тавзеҳи топонимҳо аз замонҳои қадим дар сарчашмаҳои гуногун маълумот оварда шудааст, вале таҳқиқи илмии топонимияи Тоҷикистон дар қарни XX оғоз ёфтааст. Пажуҳиши илмии ҷойномаҳои манотиқи гуногуни Тоҷикистон дар осри илмӣ инъикос ёфтааст. Асару мақолаҳои зиёде ба табъ расидаанд, ки хусусиятҳои забонии номҳои ҷуғрофии Тоҷикистонро инъикос кардаанд. Низоми топонимии минтақаҳои шимолу ҷануби мамлакат аз назари забоншиносӣ таҳқиқ шудааст. Зимнан ёдовар шудан ба маврид аст, ки топонимияи Тоҷикистон бо топонимияи мамлакатҳои ҳамсоя алоқаманд аст. Аз ин рӯ, дар Тоҷикистон на танҳо оид ба номвожаҳои манотиқи гуногуни Тоҷикистон пажуҳишҳо анҷом дода мешаванд, балки низоми топонимии ҳавзаҳои топонимии кишварҳои ҳамсоя низ мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад. Диссертатсияи Турсунова М.А. ба таҳлили забоншиносии топонимияи яке минтақаҳои мамлакати ҳамсоя – Ӯзбекистон бахшида шудааст. Воҳаи Сурхон дар вилояти Сурхони Ӯзбекистон мавқеият дошта, яке аз маконҳои таърихии тоҷикнишин мебошад. Таҳқиқи топонимияи минтақа имконият медиҳад, то ки ареали густариши забонҳои эронӣ ва падидаҳои гуногуни забониро муайян намоем. Аз тарафи дигар, ба таърихи водиҳои дар кишвари ҳамсоя мавқеият дошта равшанӣ андохта шуда, дар мисоли низоми топонимӣ таъсироти мутақобилаи забонҳо низ инъикос меёбад. Бад-ин ваҷҳ мавзуи дисертатсияи Турсунова Мунаввара Аъзамовна дар мавзуи “Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон” мубрам буда, бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ робита дорад.

Диссертатсия дар асоси сарчашмаҳои мухталифи таърихӣ ва осори назариявии номшиносӣ таълиф ёфтааст. Натиҷаи таҳлили маводи ономастикӣ ва осори илмӣ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ асос ёфтааст, ки дар асоси он масъалаҳои таҳқиқ муайян карда шудааст. Масъалаҳои дар диссертатсия мавриди баррасӣ қарор додашуда гувоҳи онанд, ки **мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.**

Асолати диссертатсияи Турсунова М. А. "Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон" дар он зоҳир мегардад, ки он дар асоси маводи фаровони топонимӣ навишта шуда, **дорои навгонии муайяни илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ** мебошад. Дар диссертатсия бори нахуст топонимияи яке аз минтақаҳои тоҷикнишини Ўзбекистон мавриди таҳқиқи муфассали лингвистӣ қарор гирифтааст. Диссертант дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва адабӣ бори нахуст топонимияи таърихии воҳаи мазкурро ба низом дароварда, аз ҷиҳати лингвистӣ таҳқиқ намудааст. Таҳқиқи этимологӣ, лексикӣ, маъноӣ, сохторӣ ва этимологии топонимияи минтақаи мазкур бори нахуст сурат гирифтааст. Робитаи топонимика бо таърихи ин диёр то андозае нишон доада шудааст.

Диссертатсияи мазкур инчунин дорои **аҳамияти назариявию амалӣ буда**, номшиносии тоҷикро бо маводи нави таҳлилӣ, паҳлўҳҳои норавшани вижагиҳои забонии ҷойномҳо ошно сохта, ба таҳқиқи минбаъдаи номвожаҳои ҷуғрофии манотиқи дигари Осиёи Миёна мусоидат мекунад. Дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои норавшани таърихи забони тоҷикӣ, лаҳҷашиносии таърихӣ, таҳияи фарҳангҳои номҳои ҷуғрофӣ, хулосаю натиҷагириҳо ва маводи диссертатсияро метавон истифода бурд. Инчунин маводи диссертатсияро дар таълими курсу семинарҳои махсуси илмҳои забоншиносӣ, аз ҷумла, номшиносӣ, таърихи забони тоҷикӣ, лаҳҷашиносӣ, лаҳҷашиносии таърихӣ метавон мавриди истифода қарор дод.

Ҳалли масъалаҳои таҳқиқотӣ ба ҳадафи таҳқиқ вобастаанд, ки дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок карда шудаанд. Муаллифи диссертатсия кўшиш кардааст, ки дар асоси манбаъҳои хаттии давраи бостон, миёна ва давраи нави забонҳои эронӣ ҳудуди таърихию ҷуғрофии воҳаи Сурхонро муайян кунад, вижагиҳои луғавию маъноии номвожаҳоро муайян намояд, хусусиятҳои лексикӣ ва муродифии топониму микротопонимҳои минтақаро баррасӣ намояд, топоформантҳоро аз назари вазифа ва семантика таҳлил кунад, номвожаҳоро аз ҷиҳати маънои лексикӣ ва объекти табиӣ ва маъмурӣ тасниф намояд. Бахши асосии диссертатсияро таҳлили топониму микротопонимҳо аз ҷиҳати пайдоиш ташкил медиҳад, ки дар натиҷаи таҳлили этимологӣ мансубияти забонии топонимҳо ва анҷомаҳои топонимӣ муайян карда шудааст, таҳқиқи решашиносии топонимҳои субстрат анҷом дода шудааст.

Хулосаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионӣ дар 11 мақола инъикос ёфтааст, ки 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КАО-и ФР, КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Диссертатсия дар

кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ баррасӣ ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳрасти мақолаҳои чопшуда, тавсияҳо, рӯихати адабиёти истифодашуда ва замима (луғати топонимӣ) иборат аст.

Боби аввали диссертатсия "Мавқеи ҷуғрофӣ ва маълумоти мухтасари таърихии минтақа" фарогири се фасл мебошад. Фасли авали ин боб ба баррасии номвожаҳои ҷуғрофии воҳа дар осори илмӣ бахшида шудааст. Дар зимн қайд карда мешавад, ки воҳаи Сурхон дар осори таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабию бадей бо номҳои гуногун: Чағонрӯд, Чағониён, Сурхон, Сурхонрӯд зикр гардидааст. Масъалаи мазкур дар осори таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабӣ ва фарҳангҳо ба таври алоҳида таҳлил мешавад. Бояд қайд кард, ки диссертант дар ин боб осори зиёди хаттиро аз назар гузарондааст ва мавқеи ҷуғрофии ин минтақаро аз ҷиҳати таърихӣ аниқ нишон додааст. Дар баробари ин шакли инъикоси он дар осори таърихӣ нишон дода шуда, ақидаи муаллифони гуногун дар мавриди вариантҳои номҳои марбути ин минтақа таҳлил шудааст.

Боби дуюм ба таҳлили вижагиҳои луғавии ҷойномҳои воҳаи мазкур бахшида шуда аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввал қабатҳои луғавии топонимияро ба ойконимия, гидронимия, оронимия, этнотопонимия, антропотопонимия, фитотопонимия, зоотопонимия тақсимбандӣ шуда, дар навбати худ боз ба зергурӯҳҳо ҷудо шудаанд. Дар ин маврид метавон қайд кард, ки дар топонимия усулҳои гуногуни таснифот кор карда шудааст ва ҳар як усули тасниф меъёри худро дорад: аз рӯйи хусусияти обйекти табиӣ ва маъмурӣ, аз рӯйи маънои воҳидҳои луғавӣ, ки асоси ҷойномро ташкил додаанд. Масалан, ойконим метавонад аз мафҳуми этникӣ, антропонимӣ ё фитонимӣ ва зоонимӣ номгузорӣ шавад. Дар бахши ойконимҳо номи нуқоти маскунӣ оварда шуда, аз рӯйи мавқеъ, масоҳат ва инъикоси он дар манбаъҳои хаттӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст; номҳое, ки дар сарчашмаҳо зикр шудаанд ва номҳое, ки дар манбаъҳои хаттӣ дучор намешаванд ба таври ҷудогона баррасӣ мешаванд.

Гидронимҳо низ дар ба зергурӯҳҳо ҷудо шудаанд: потамонимҳо, лимонимҳо, номи ҷӯй ва наҳр, ном чоҳ ва чашма. Ба потамонимҳо муаллиф дарёҳои хурду калонеро дохил мекунад, ки дар сарчашмаҳри таърихӣ мавҷуданд. Таҳти мафҳуми лимонимҳо номи кӯлҳо дар назар дошта мешавад. Номи кӯлҳо низ дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ таҳлил шуда, кӯлҳои имрӯзаро низ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Номи ҷӯйҳо ва наҳрҳо

оварда шуда, роҳҳои сохташавии ин қабил номҳо нишон дода мешавад ва интишору дигаргуниҳои маънои вожаи "ҷӯй" таҳлил карда шудааст. Бахши алоҳида ба ташаккул ва вазифаи чоҳу чашмаҳо ва номи ин обйектҳо бахшида шудааст, ки аз мафҳумҳои гуногун сохта шудаанд.

Таҳти мафҳуми оронимия номҳои кӯҳҳо,теппаҳо ғорҳо ҷариҳо нишебиҳо ва дигар мавзеъҳои баландӣ ва кӯҳӣ дар сатҳи релеф мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Номҳои ин гурӯҳ аз назари забонӣ таҳлил шуда, мансубияти забонии онҳо нишон дода мешавад. Оронимҳо дар диссертатсия вобаста ба маводи таҳлилшуда ба ду гурӯҳ ҷудо шудаанд: номи мавзеъҳои кӯҳӣ, номи баландӣ, дара, талу теппа ва адирҳо.

Инчунин дар диссертатсия этнотопонимҳо, антропотопонимҳо, фитотопонимҳо, зоотопонимҳо низ дар қатори ойконимия, оронимия, гидронимия таҳлил шудаанд. Ба назари мо бояд гуруҳҳои номбаршуда бояд ба тариқи алоҳида тасниф мешуданд, зеро анторопотопоним, фитотопоним, этнотопоним ва монанди инҳо метавонанд асоси номҳои ойконимӣ, гидронимӣ ва оронимӣ низ қарор гиранд. Хуб мешуд, ки гурӯҳҳои номбаршуда дар бахши асосҳои луғавӣ ва маънои ҷойномҳо мавриди омӯзиш қарор гирифта мешуданд. Масалан, Авғонқишлоқ аз яктараф этнотопоним (авғон) бошад, азтарафи дигар он ойконим мебошад ё Ашӯрчилон низ аз як тараф, антротопоним бошад, аз тарафи дигар он номи деҳаро ифода менамояд, ки ба ойконимия тааллуқ дорад. Ҳамин тариқ, Арчатут (номи дара), ки асоси онро фитоним (арча) ташкил медиҳад, аз сӯйи дигар ба оронимия дохил мешавад. Мисли ин Ҷайрахона аз зооним(ҷайра) таркиб ёфтааст ва дар баробари ин номи деҳаро ифода мекунад.

Хулосаи диссертант дар мавриди мансубияти забонии ҷойномҳои марбут ба сатҳи релеф, нуқоти маскунӣ, обномҳо ва монанди инҳо, ки аз ҷиҳати баромад мансуби забонҳои эронӣ (тоҷикӣ) буда, аз ҷиҳати сохт соддаю муракаб буда. имрӯз то андозае ба дигаргуниҳои шаклӣ дучор шудаанд, дар асоси мисолҳои мушаххас нишон дода нашудааст.

Фасли дуюми боби дуюм "Баррасии этимологии топонимҳо" унвон дошта, ба таҳлили таърихӣ-қиёсии топонимҳои минтақа бахшида шудааст.

Дар асоси таҳлилу таҳқиқи забоншиносии таърихӣ диссертант дар топонимияи воҳаи мазкур қабати тоҷикӣ, арабӣ ва туркиро муайян намуда, кӯшиш ба харҷ додааст, ки маънои бунёдии ҷойномҳоро ошкор сохта, таҳаввули маъноӣ ва шаклии номҳоро дар заминаи мисолҳо нишон диҳад ва

дар мисоли топонимика муносибатҳои гуногунқабати забониро мавриди омӯзиш қарор диҳад. Дар натиҷаи таҳлили ҷойномҳои мансуби забони тоҷикӣ номҳо аз ҷиҳати вижагиҳои мавзеи табиӣ, ҷуғрофӣ, релеф, воҳиди маъмурию иҷтимоӣ тасниф карда шудаанд. Инчунин баъзе ҷойномҳо, ки аз назари пайдоиш ба забони суғдӣ тааллуқ доранд, таҳлил шудаанд.

Бахши дигари фасли аввал ба таҳлили ҷойномҳои арабӣ бахшида шудааст. Топониму микротопонимҳои арабӣ дар ибтидо ба сурати аппелятив дохил шуда, минбаъд ба исми хос табдил ёфта, дар забони тоҷикӣ ҳазм шудаанд.

Дар бахши топонимияи туркию муғулӣ ҷойномҳои мансуби забонҳои туркӣ таҳлил мешаванд. Ин қабати ҷойномҳо ба ду гурӯҳ ҷудо шудаанд: ҷойномҳои сирф туркӣ – ӯзбекӣ, ҷойномҳои омехта (дузабона).

Боби сеюми диссертатсия ба таҳқиқи вижагиҳои сохтори топонимияи воҳа бахшида шудааст, ки аз ду фасл ва чандин зерфасл иборат аст. Аз ҷиҳати сохтор топонимҳо ба сода (содаи рехта), ҷойномҳои сохта, ҷойномҳои мураккаб, топоним – ибораҳо ҷудо шудаанд.

Ҷойномҳои сода аз рӯйи нақшаи зерин аз назар гузаронида шудаанд: 1) номҳои топоними аслан тоҷикӣ, 2) новожаҳое, ки аз воҳидҳои луғавии арабӣ ба вуҷуд омадаанд, 3) номвожаҳои мутааллиқ ба забони русӣ, 4) номвожаҳои рехта, чун вожаҳои сода аз назар гузаронида мешаванд.

Дар фасли ҷойномҳои сохта формантҳои топонимӣ аз ҷиҳати маъно, вазифа ва баромади таърихӣ баррасӣ шудаанд. Дар диссертатсия унсурҳои топонимсози – а, -зор, -истон, -стон, -дон, - ӣ, - чӣ, - ак, акак, - ча, -гар, -он, -ли аз ҷиҳати вазифа ва мансубияти забонӣ дар асоси мисолҳои фаровон таҳқиқ шудаанд.

Ҷойномҳои мураккаб дар фасли сеюм аз назар гузаронида мешаванд, ки ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: мураккаби пайваст ва мураккаби тобеъ. Таркиби ҷойномҳои мураккаб аз назари робитаи байни ҷузъҳо таҳлил шуда, мутобиқати он ба маънои ифодакунанда чун ҷойномҳо нишон дода мешавад. Дар ин гурӯҳи номвожаҳо ҷузъи асосӣ исм буда, дигар ҳиссаҳои нутқро ба худ тобеъ менамояд, ки аз рӯйи чунин нақша дастабандӣ шудаанд: қолаби исму исм, қолаби сифату исм, қолаби исму асоси феъл, қолаби исму асоси феълу исм, қолаби исму асоси сифати феълӣ, қолаби исму исму сифати феълӣ. Илова бар ин дар ин фасл нақши формантҳо дар ташаккули

ҷойномҳои мураккаб низ аз назар гузаронида шуда, қолабҳои ин гуна номҳо муайян карда шудааст.

Дар фасли чоруми боби мазкур номҳои топонимие, ки дар шакли ибора ташкил ёфтаанд, аз ҷиҳати муносибати ҷузъҳо, миқдори ҷузъҳо, таркиби морфологии ҷузъҳо, воситаҳои алоқаи синтаксисӣ, таркиби лексикии ҷузъҳо таҳқиқ шудаанд. Номҳо - ибораҳо ба тариқи зайл тасниф шудаанд: ибораи изофии исмӣ (аз ду исм иборат аст), ибораи исмӣ (аз исму сифат иборат аст), ибораи исмӣ ( аз исму сифату шумора таркиб ёфтааст), ибораи изофии исмӣ (аз исму исму сифат) таркиб ёфтааст.

Ба ҷуз аз ин вожаҳои серистеъмоли таркиби номҳо - ибораҳо муайян карда шуда, нақши чунин вожаҳои топонимӣ дар ташаккули номҳои изофӣ нишон дода шудааст: об,сар, масҷид, мазор, маҳалла, хам, қишлоқ, корвон, боғ,осиё, пар, дара, пӯстин, теппа, кӯҳ, ҷӯй . дашт, нова, бозор, санг, чашма, қалъа, ҳавз, ҷар ва ғайра.

Дар хулосаи диссертатсия аз натиҷаҳои таҳқиқот дар 14 банд натиҷагирӣ карда шудааст. Дар охири диссертатсия луғати мухтасари топоними воҳаи Сурхон оварда шудааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мантиқан ба натиҷаю хулосаҳои таҳқиқ иртибот дошта, дар 6 банд ҷиҳатҳои муҳимми топонимияи воҳаи мазкур аз назари забонӣ, таърихӣ ва ҷуғрофӣ ҷамъбаст гардидааст. Топонимияи воҳа ба вазъи забонии минтақа равшанӣ андохта, раванди ивазшавии забонҳо гуногунро инъикос намудааст. Дар асоси таҳлили номвожаҳои топонимӣ таъсири мутуқобилаи забонҳои эронӣ ва туркӣ дида мешавад.

Дар баробари дастовардҳо диссертатсия аз баъзе камбудиҳо низ холӣ нест, зикри чанде аз онҳоро ҷоиз медонем.

1. Таҳқиқи этимологии топонимҳо ба таври бояду шояд анҷом дода нашуда, шарҳу тавзеҳи баъзе топонимҳо баҳсталаб мебошад. Таъкиди муаллиф оид ба номи Рометан дар такя ба ақидаи муҳаққиқони дигар ба назари мо баҳсталаб аст. Бояд зикр намуд, ки чунин ном дар мавзеъҳои дигар низ дучор мешавад: Ромит(Ваҳдат), Равмед (Бартанг). Ҷузъи дуюми ном бо maitana – қадим робита дошта, ба маънии макон маъмул буд, ки дар забони имрӯзаи тоҷик муодили он вожаҳои *меҳан, майҳан* мебошад. Ҷузъи аввали номро бо ориё алоқаманд донистан баҳсталаб мебошад.

2. Ҳангоми таснифоти маъноӣ бояд меъёрҳои муайян ба эътибор гирифта мешуданд, ки дар осори илмӣ нишон дода шудаанд. Маълум аст, ки номҳо вобаста ба вижагии мавзеъ (кӯҳ, об, релеф), хусусиятҳои иҷтимоӣ (макони зисти одамон) тасниф карда мешаванд. Усули дигари тасниф вижагии лексикӣ ва маъноии асосҳои топонимӣ мебошанд. Масалан, хусусияти табиӣ ва макони ҷойгиршавӣ, номҳое, ки вобаста ба олами наботот ва ҳайвонот номгузорӣ шудаанд, асоси номҳои топонимиро номи одамон (антропонимҳо) ташкил медиҳанд. Чунин меъёрҳои тасниф дар диссертатсия риоя нашудааст.

3. Дар ҷойномҳои Карсагон, Курсангкалон, Какайдӣ, Ипоқ, Ифоқ ҷузъи аввалро бо воҳиди луғавии қадим kaufa ба маънои “кӯҳ” алоқаманд намудан аз назари таҳаввулии таърихии савтӣ ба ҳақиқат наздик наменамояд. Ҷузъи аввали топоними Ипоқ – ро метавон *ара*-и қадим ба маънои “об” донист ва ҷузъи дуюм аз *оқ* – туркӣ ба маънои “сафед” бошад.

4. Дар зерфасли “Ҷойномҳои тоҷикӣ” (с.96-109) бояд номвожаҳои сирф тоҷикӣ ва суғдӣ ба таври ҷудогона таҳлил мешуданд. Ҳарчанд вуҷуд доштани ҷойномҳои суғдӣ дар низоми тпонимии минтақа таъкид карда шуда бошад ҳам, қабати суғдии топонимия алоҳида мавриди таҳлил қарор нагирифтааст. Дар с. 104 диссертант менависад: “Аз рӯйи ифодаи маъно ва хусусиятҳои ҷуғрофӣ номвожаҳои суғдии воҳаи Сурхонро ба гурӯҳҳои зерин тасниф намудан ба мақсад мувофиқ мебошад:” Вале номвожаҳои Дарбанд, Панҷоб, Деҳнав, Кӯҳи сафед, Сари осиёб, ки дар ин зерфасл оварда шудаанд, ва монанди инҳо ҷойномҳои сирф тоҷикиянд. Номҳое мисли Зевар, Порут Равотак ва амсоли ин бояд мансуби забони суғдӣ бошанд ва дар зерфасли ҷудогона бояд таҳлил мешуданд.

5. Ҷузъи дуюми ҷойномҳои *Пишихарф, Муҷихарф – харф* –ро бо вожаи *хар* ба маъноҳои “кӯҳ” ва “калон” набояд алоқаманд кард. Зеро *харф* дар осори илмӣ бо калимаи язгуломии *харвидег* ва вожаи шуғнонии *шарвидоҷ* ба маънои *рӯди кӯҳӣ* шарҳ дода шудааст. Инчунин ҷойноми Харангон низ бо ин номҳо алоқаманд набуда, маънои дигар дорад (с.77).

6. Муаллиф қайд мекунад, ки гурӯҳи дувум (топоформантҳо) масуб ба забонҳои шарқии эронӣ (авестоӣ, суғдӣ, сакоӣ, бохтарӣ) мебошанд, ки дар ташаккули чанд номвожаи минтақа саҳм гузоштаанд. (с.134). Вале оид ба топоформантҳои суғдӣ ва соири забонҳои давраи миёнаи эронӣ маълумоте дар ин фасл пайдо накардем.

Эродҳои зикршудаислоҳшавандаанд ва муаллиф дар пажуҳишҳои ояндаи худ ҳангоми нашри монография ба масъалаҳои матраҳшуда таваҷҷуҳ зоҳир намояд, ки боиси боз ҳам баланд гардидани арзиши илмии монография хоҳад шуд.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқи шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01.- Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад. Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Турсунова Мунаввара Аъзамовна дар мавзуи “Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон” ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон из 30 июни соли 2021 таҳта рақами 265 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовар мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи
М. Назаршоев Офаридаев Назрӣ
5 июни соли 2023

Суроға: 736000 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВМБК, ш. Хоруғ, к. Карамшоев, 265,
Тел.: + 992939314032

E-mail: ofarida_n@mail.ru
Имзои Офаридаев Назриро тасдиқ мекунам:
Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев Саидраҳмонов Н.

Суроға: 736000 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВМБК, ш. Хоруғ, х. Ш.Шоҳтемур, 109,
Тел.: + 992352222779
E-mail: info@khogu.tj 5 июни соли 2023.